АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №4, 2014

ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №4, 2014

**УДК: 29+371+9п+1ф** **ЗИЁӢ С.А.**[1]

# БАРРАСИИ ТАТБИҚИ «НИРВАНА» ВА «ФАНО» ДАР ОИНИ БУДДО ВА ИРФОНИ ИСЛОМӢ

Дар мақолаи худ муаллиф кӯшидааст то ин ду мафҳуми асосӣ ва муҳимро дар ду мактаби тасаввуфи иронӣ ва оини буддоӣ баррасӣ кунам. Ибтидо талош карда, ки сарчашмаи мафҳуми фаноро бо як мафҳуми бунёдии буддоӣ ба номи Нирвана ҷустуҷӯ намояд. Ба ҳамин хотир ба баррасии пайвандаҳои ҷуғрофӣ ва фарҳангии Ҳинд ва оини Буддо бо ирфони Хуросон пардохта. Сипас бо ишора ба андешаҳои орифони иронӣ дар бораи фано ва татбиқи он бо назарияҳои буддоиён дар бораи Нирвана кӯшидааст. Дар охир низ илова бар монандиҳои ин ду мафҳум, гуногуниҳои муҳимми фано ва нирвана баррасӣ шудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** фано, нирвана, хомӯшӣ, бақо, будддизм, ирфони исломӣ.

Яке аз равишҳои муҳим барои шинохти динҳо ва ирфон ва таъсир ва таассур байни онҳо муқоисаи мафҳумҳои матраҳ дар онҳост, ки ба мутолиоти татбиқӣ маъруф аст.

Ин мақола ба таҳлили ду мафҳуми фано ва нирвана ба унвони нуқтаи пойин ва марҳилаи ниҳоӣ дар доираи Буддоӣ ва ирфони исломӣ мепардозад. Пеш аз таҳлили татбиқии ин ду мафҳум беҳтар аст, ишораи кӯтоҳе ба сарчашмаҳои нуфузи нирвана дар тасавуфи иронӣ ва табдили он ба мафҳуми фано дошта бошем. Оини буддо дар қарнҳои қабл аз пирӯзиҳои арабҳо дар қисмати Шарқи Эрон ривоҷ дошт. Маконҳои буддоиро дар Афғонистон, Туркманистон, Узбакистон ва Тоҷикистон ва низ дар худи Эрон пайдо кардаанд. Муддатҳо маъруф буд, ки минтақаи Бохтар (қисмати шимолии Афғонистон) дар давраи пеш аз Ислом маркази буддоиии муҳим буд. Боқимонадаҳои дайрҳои буддоӣ дар саросари Бохтар ё тавсифоти маконҳои буддоии эронӣ дар гузоришҳои мусофирон буддоӣ-чинӣ ва ҷойҳои дигар комил мешаванд. Машҳуртарин онҳо Сивонзонг пайрави буддоии чинӣ аст, ки дар аввалҳои қарни VII-ум бо умеди бедор кардани матнҳои мӯътабари санкскрит ва бурданит онҳо ба Чин аз тариқи Осиёи Марказӣ ба Ҳинд сафар кард. Ин пайрав мегӯяд, дар замони ӯ Балх дар ҳудуди сад дайри буддоӣ ва 30000 роҳиб дошт [8]. Яке аз мафҳумҳое, ки тибқи гузоришҳои таърихӣ аз оини ҳинду-буддоӣ ба ирфони исломӣ роҳ ёфта буд, нирвана аст.

Фано дар фарҳанг ба маънои адам ва нестӣ аст. Маънои он ба қадре ошкор аст, ки фарҳангшиносон барои тавзеҳи он ё ба зикри ҳаммаънииаш, яъне адам пардохтаанд ё онро ба зидмаъноаш, яъне бақо муаррифӣ кардаанд [2].

Таърифи фано бо адам таърифи хос ба омм аст. Беҳтарин маънои фано ҳамон интиҳо аст, ки дар забони форсӣ ба маънои нобудӣ аст. Он чӣ дар ин ҷо аҳамият дорад баррасии ин пурсишҳо аст, ки манзур аз фано чист? Оё пайраве, ки ба фано мерасад, ба таври коми нобуд мегардад ё ин ки дигаргунӣ дар яке аз ҷанбаҳои вуҷудиаш рух медиҳад? Ин тағйир чӣ гуна ва то чӣ андоза аст?

[1] **Адрес для корреспонденции:** Сайид Абдулҳамид Зияи – соискатель Института философии, политологии и права им. А. Богоуддинова АН Республики Таджикистан. 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки-33.тел: 2213223.

Яке аз орифони мусулмон ба номи Изуддин Кошонӣ вақте ба мартабаҳои фано назди орифон мепардозад, аз фаное аз шаҳват, фаное аз рағбат ва фаное расидан ба ҳақ сухан мегӯяд. Дар ҳолати фанои шаҳват ҳанӯз ахлоқ дар қалб мустаҳкам нашуда ва дар натиҷа изтироб бар қалб ҳоким аст. Дар мартабаи фанои расидан ба ҳақпайрав худ ва халқро намебинад. Дар зоти Худо фонӣ мешавад [4].

Лоҳиҷӣ дар «Гулшани роз» фаноро дорои се мартаба; фанои афъолӣ, фанои сифотӣ ва фанои зотӣ медонад [6].

Хоҷа Абдуллоҳ Ансорӣ барои фано се марҳила матраҳ кардааст: фанои илмӣ, фанои амалӣ ва фанои ҳақӣ. Абдураззоқи Кошонӣ дар шарҳи ин сухан мартабаи аввалро фанои илмӣ – банда дар илми Худованд медонад. Мартабаи дуввум ин аст, ки илми ҳузурӣ ба ҳақ низ аз байн рафта ва ба мушоҳида табдил шавад. Дар охири марҳила мушоҳида низ аз байн рафта ва чизе ҷуз Худованд боқӣ намемонад [9].

Қушайрӣ сифоти инсонро ба феълҳо, ахлоқ ва ҳолатҳо тақсим мекунад ва се мартабаи аслии фаноро; фаное аз нафс ва сифоти он, фаное аз сифоти ҳақ ба воситаи мушоҳидаи ҳақ ва фаное аз мушоҳида ва бақои ба ҳақ баён мекунад [5].

Ибни Арабӣ ҳам барои фано ҳафт мартаба зикр мекунад, мисли фанои афъолӣ, фанои сифотӣ, фанои зоти хеш, фанои мушоҳидаи кулли олам, фанои ғайри Худо ва .... [3].

Бо тафаккур дар мартабаҳое, ки орифон барои фано зикр кардаанд, ин ҳақиқат ошкор мешавад, ки тақсимбандии онҳо ба ду намуд анҷом шуда ва гоҳе ин ду бо ҳам таркиб шудаанд. Дар зикри мартабаҳои фано гоҳе фақат пайрав ва ҳолатҳои ӯ дар сафар ба сӯи поёни сулук дар назар гирифта мешавад, ки дар ин сурат афъол ва сифоти пайрав мартаба ба мартаба фонӣ мешавад, то ӯ ба ниҳояти сафари худ бирасад. Тақсими аввали Қушайрӣ чунин ҷиҳат дорад. Ӯ мартабаи аввали фаноро фанои пайрав аз афъол ва мартабаи дуюмро фанои аз сифот ва охирин мартабаро фанои аз зоти худ медонад [1].

Ҳамон тавр, ки дар ирфони исломӣ фано аслитарин мафҳум шумурда мешавад, дар оини Буддо низ Нирвана ҳамин нақшро иҷро мекунад. Як пайрави буддоӣ бо расидан ба Нирвана ба саодати ҳақиқӣ ва наҷот аз доираи зиндагии такрорӣ ноил мешавад ва ба фазои дуртар аз дигаргуниҳо кӯч мекунад ва дунёи фиреб ва шинохти нодурустро пушти сар мегузорад ва шинохти воқеӣ даст меёбад. Вожаи Нирвана калимаи санскрит, ки дар забони «полӣ» нибона номида мешавад (nibbana) номида мешавад. Аз назари луғавӣ маънои манфӣ дорад ва онро ба маънои хомӯшшуда ба кор мебаранд [10].

Маънои луғавии нирвана чӣ мафҳуми хомӯширо бипазирем, ва чӣ рӯй гардондан аз шӯр ва шаҳват. Ин нишонгари он аст, ки инсон дар расидан ба ин мартаба чизеро аз даст медиҳад. Бо ҳамин хотир дорои маънии манфӣ аст. Дар маънои аввал гӯё оташе дар вуҷуди инсон шуълавар аст ва бо расидан ба нирвана ин оташ хомӯш мешавад. Таъкиди баъзе аз фирқаҳои буддоӣ бар ин ки ин хомӯшӣ дар вуҷуди инсон ба таври мутлақ аст онҳоро ба сӯи нигилизм (пучгароӣ) ба сурате, ки дар назри онҳо расидан ба нирвана баробар бо нобудии мутлақи вуҷуди инсонӣ ва заволи ҳама чиз аст. Аммо бардошти умумӣ аз ин хомӯшӣ ҳамон аз байн рафтани ташнагӣ дар вуҷуди инсони аст, ки бинобар он буддо сарчашмаи таваллуди дубора аст. Аз ин рӯ, ҳам маънои аввал манфӣ аст, зеро инсон дар вуҷуди худ чизеро аз даст медиҳад. Ва ҳам маънои дуввум, зеро рӯй гардонданро шомил мешавад [11].

Ба ҳамин далел нирвана дорои маънои манфӣ ва аз байн рафытани чизе дар вуҷуди инсон аст. Мафҳуми нирвана ҳарчанд, ки назди ҳиндиёни қабл аз Буддо низ шинохта шуда буд ва тақрибан монанди оини Буддо, ба маънои раҳоӣ аз доираи таваллуд ва марг буд. Аммо дар оини буддо аҳамияти хосеро дод. Ин аҳамият шояд аз он ҷихат буд, ки Буддо корашро бо мафҳуми нирвана оғоз кард ва тамоми иродаи худро сарфи он кард. Аз тарафи дигар нигариши хоси буддоӣ ба олам, браҳман ва «худ» ва тафсири хосе, ки аз ин вожа дошт, оини буддоро

муттаҳам ба пучгарой (нигилизм) мекард. Дар оини буддо истилоҳи дигаре вуҷуд надошт, ки битавонад ба унвони поёни пайравии инсон матраҳ шавад. Ин нукта ба ин вожа бахусус дар оини Буддои аввалия аҳамияти хосе бахшид. Ба сурате, ки ҷузъи вожаҳои калидии ин дин гардид.

Оини буддои аввалияро бояд ба асоси матнҳои муқаддаси аввалия шинохт, зеро дар он марҳила ҳанӯз мактабҳо ва назарияпардозиҳои буддоӣ шакл нагирифта буд [12]. Бар хилофи он чӣ аз ин ибора зоҳир мешавад ва низ баъзе пажуҳишгарон гуфтаанд [7], ки масъалаи нирвана дар матнҳои аввалияи буддоӣ яъне Конуни полӣ ба ду шакл матраҳ шуда ва дар баъзе китобҳо ба ҷанбаи мусбат ва шоиронаи он пардохтаанд, аммо бо руҷӯъ ба китобҳои Конуни полӣ дармеёбем, ки ин ду ҷанбаи мусбат ва манфӣ бо ҳам дар омехтаанд. Яъне, нирвана аз ду ҷанба бахурдор аст: манфӣ ва мусбат. Пайрав бо тарк ва нобудии ташнагӣ ва хомӯшии шаҳватҳо дар вуҷудаш ба ҷанбаи мусбат, яъне оромиш даст пайдо мекунад. Аз ин рӯ ба назар мерасад, ки ҳар гуна ҷудоӣ байни ҷанбаҳои мусбат ва манфии нирвана саҳеҳ нест ва дар тамоми китобҳои Конуни полӣ ин ду амр бо якдигар матарҳ ҳастанд. Ҳоло бо ёдоварӣ ба ин савол, ки оё нирвана дар зоти худ амри манфӣ аст ё мусбат метавон посух дод, ки нирвана дар зоти худ амри мусбат аст, аммо расидан ба он ниёзмандӣ пушти сар гузоштан ва нобудии монеаҳо аст.

Агар мегӯянд, нирвана нобудӣ аст, яъне то инсон аз ташнагиҳо ва майлҳои худ нагузарад, ба нирвана намерасад. Масалан, дар «Сутрои Нипоя» гуфта шудааст, ки агар комилан аз ҳаво ва ҳавас холӣ шавӣ, нирванаро дарк мекунӣ [12].

Бинобарин ҳақиқати нирвана ҳамин ҷанбаҳои мусбат аст ва ҷанбаҳои манфӣ нишонгари шароити гузар аст. Ёдоварии ин нукта лозим аст, ки дар матнҳои нахустини буддоӣ на фақат назарияпардозӣ дар бораи нирвана вуҷуд надорад, балки даргир шудан дар баҳсҳои фалсафӣ дар бораи нирвана мухолифи нирвана дониста шудааст [13].

Ниҳоят дар оин буддо нирвана аз лиҳози луғавӣ ба маънои хомӯш шудан аст ва аз лиҳози истилоҳи мақомест, ки бар асари хомӯшии дарунии инсон ҳосил мешавад. Пайрави тариқаи нирвана бо нобудии дилбастагӣ ва нодонӣ ва хомӯш кардани орзуҳо ва ташнагӣ, ки сарчашмаи таваллуди дубора аст, роҳи наҷот аз «Сомсоро»-ро пайдо мекунад. Аммо дар ирфони исломӣ ҳақиқати фано завол ва нобудӣ нест. Балки шинохтест, ки бо густариши мартаби вуҷудии инсон ҳосил мешавад. Яъне, шинохти ин ҳақиқат, ки касрат дар олам касрати ҳақиқӣ нест ва олам ваҳдати ҳақиқӣ дорад, ки ҳақ аст ва ҷуз ӯ чизе нест. Андешаи нирвана аз оини Буддо вориди тасаввуфи эронӣ шуд ва ба хусус дар андешаҳои орифони Хуросон худро нишон дод. Аммо дар ирфони исломӣ ин мафҳум тағйир кард ва ба шакли дигаре даромад.

**Адабиёт**

1. Абдулборӣ. Муҳаммад Довуд. Алфано инда суфият-ал-муслимин вал-ақоид-ал-ухро. «Дорулмисрия», Қоҳира, 1417.-С. 192.
2. Ал Зубайдӣ. Тоҷуларӯс. «Маншурот дори матабалат-ал-ҳаёт». Лубнон, (зери вожаи фано)
3. Ибни Арабӣ. Футуҳоти Макия, 4 ҷилд, «Дорисодир», Бейрут.-С.515.
4. Кошонӣ Абдураззоқ. Латоиф-ал-алом фӣ-ишороти аҳл-ул илҳом. «Дуору-л-кутубият –ал Мисрия», Қоҳира, 1996.-С.218.
5. Қушайрӣ. Рисолаи Қушайрия. Қум, «Бедор» 1374. С. 139-141
6. Лоҳиҷӣ Шамсуддин Муҳаммад. Мафотиҳ-ул-эъҷоз дар шарҳи Гулшани роз.- Теҳрон: «Зувор», Теҳрон 1371.-С. 227.
7. Ҳонз Волфганг Шумон, Оини буддо. Тарҷумаи Айн Пошоҳӣ. –Теҳрон: «Фирӯза», 1375.-С. 85.
8. Ричард Фолтес. Оини Буддо дар Ирон. Тарҷумаи Айн Пошоӣ, маҷаллаи «Ҳафт осмон», 1386, №36. С. 81–96
9. Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ. Манозил-ас-соирин. Ҳамроҳ бо шарҳи Абдураззоқи Кошонӣ. – Қум: «Бедор», 1372.-С. 574.

10. Meriam-Webster"s Encyclopedia of World Religion, ed. Wendy Doniyer, USA, 1999.nirvana.
11. Encyclopedia of Religion and Religions, ed. Royston Pike, Meridian Books, New York, 1958. P. 227.
12. Thomas, P. Kosulis, Encyclopedia of Religion, ed. Mircea Eliode, MC Millan Publishing Company, New York, 1987 V.10, P.453
13. C. Warren, Buddhism in Translations ,Harvard University Press, 1912.P.120
14. Thomas, P. Kosulas, p. 142.

**ЗИЁИ С.А.**

## СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ «ФАНО» И «НИРВАНИ» В БУДДИЗМЕ И ИСЛАМСКОМ МИСТИЦИЗМЕ

В этой статье, афтор попытался посмотреть на основных источников концепции Фана (Нирвана) в Будда. Он объяснил географическое и культурных связей между Хиндуизм / буддизма и Хорасана мистицизма. Так же афтор попытался сравнить иранских мистиков теории о фана с Буддистский мистиков мысли о нирване. Наконец он упомянул различия фана и нирваны в этих двух мистических школ.

**Ключевые слова**: Фана (Нирвана), Nirvana, Silence, вечности, буддизм.

**ZIAEI S.A.**

## COMPARATIVE ANALYSIS OF “ FANA” AND “ NIRVANA” IN BUDDHISM AND ISLAMIC MYSTICISM

In this article i tried to look for the basic sources of the concept of Fana (Nihilition) in Buddha s thoughts.hence I explained geographical and cultural relations between Hindoism / Buddhism and khorasan mysticism. Then I tried to compare Iranian mystics theories about fana with buddist mystics thoughts about nirvana. Finally I mentioned similities and differences of fana and nirvana in these two mystical schools.

**Key words:** Fana(nihilition), Nirvana, Silence, Eternality, Buddhism.